**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи: «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо: комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ пешниҳод мегардад.**

***Мубрамият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқоқт:*** Яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ин пеш аз ҳама, чорвопарварии гӯштӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди ислоҳот он бухрони амиқро паси сар кард. Сабабгори он аз як тараф, суст мутобиқ гаштани соҳа ба шароити бозор, аз тарафи дигар саривақт татбиқ нагардидани қарорҳои ҳукумат дар самти ислоҳоти маҷмӯи агросаноатӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дастгирии соҳа аз тарафи буҷет дар солҳои ислоҳот чандин баробар кам гардид, сармоягузорӣ, расондани хӯроки чорво, мавод ва таҷҳизот ихтисор шуд, нархҳо баланд шуда, таносуби онҳо вайрон гардид, меъёрҳои қарзӣ ба сатхе расиданд, ки барои молистеҳсолкунандагон қобили қабул нестанд.

Ҳамзамон самараи маблағгузориҳо ба соҳа кам гардид ва ин сабаби коҳишёбии ҳосилнокии меҳнат шуд.

Бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сохтори стратегии бехатарии озуқаворӣ гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳисоб меравад.Нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи осудаҳолии мардум нишондиҳандаи истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ

мебошад.Чӣ тавре ки аз баррасии мушкилоти зикршуда бармеояд, рушди бозори гӯшт ва таҳияи механизмҳои танзими он имрӯз яке аз вазифаҳои асосӣ дар назди хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи таҳқиқшаванда ва ҳолати имрӯзаи он дар илми иқтисоди ватанӣ набудани назарияи мувофиқи таҳиягардидаи мушкилоти мавҷударо нишон медиҳад. Аз ин рӯ, кори диссертатсионӣ муҳимият ва саривақтӣ будани мавзӯи интихобшуда ва арзиши илмии онро нишон медиҳад.

***Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯи таҳқиқот.*** Гузориши илмӣ ва ҳалли мушкилот, мафҳум ва заминаҳои ташаккул, рушди бозори аграрӣ, инчунин механизми танзими давлатии он, таснифи бозорҳо, қонунҳои иқтисоди бозорӣ, масъалаҳои алоҳидаи муносибатҳои бозорӣ дар хоҷагии қишлоқ, объекти омӯзиши бисёр муҳаққиқони хориҷии дуру наздик гардидаанд. Аз ҷумла Л. Абалкин, Р.Г. Ахмедов, А. Багмут, С.Л. Брюс, В. Гончаров, К. Грей, Ҷ.Ул. Гэлбрейт, С. Гуткин, Э.Д. Долан, В.И. Жуйков, З. Иванникова, А. Кучуков, Е. Киселева, Л. Комаров, В. Корняков, Н.Я. Коваленко, В. Леоненко, Н. Макконнелл, Г. Макин, В. Наконечний, Ю. Незнанов, Н.А. Попов, А.Н. Романов, Н. Рисматов, Г.Ю. Сажинов, В.С. Сорокин ва дигарон.

Дар таҳияи назария, методология ва амалияи бозори аграрӣ, инчунин механизмҳои танзими давлатии он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, методикаи муайянкунии самаранокии истеҳсолоти соҳаи чорвои гӯштӣ олимони тоҷик низ саҳми намоён гузоштанд, ки дар байни онҳо И.А. Асроров, Н. Амиров, И.С. Ашӯров, В.В. Воҳидов, Х.Ғ. Ғафуров, А.А. Мадаминов, А.Х. Абдуллоев, А.А. Неъматов, Ф.С. Абдувосиев, А. Рауфӣ. Ф.Б. Маҳмадиев, С.Р. Пиров, Ҷ.С. Пиризода, Д.К. Комилзода, З.Р. Шарифов, Р.Р. Қудратов, И.А. Маликов ва дигаронро метавон номбар кард.

То ба имрӯз низому механизмҳои ягона ва асосноки тартиби сифати маҷмӯи саршумори чорвои гӯштӣ, инчунин махсусгардонии хоҷагиҳо аз рӯйи рушди чорводории гӯштию ширӣ, ширию гӯштӣ ё танҳо чорвои гӯштӣ, механизми ташкил ва рушди коркарди саноатии маҳсулоти чорвои гӯштӣ,

танзими давлатии низоми бозори аграрӣ дурнамои рушди бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар шароити рушдёбандаи муносибатҳои нави иқтисодӣ мавҷуд нест.

Аз ин рӯ, саривақтӣ ва муҳим будани таҳқиқи мушкилоти соҳаи бозори гӯшт, инчунин механизмҳои танзими давлатии онҳо баръало равшан мешавад.Вобаста аз ҳалли вазифаҳо мувофиқи хусусият масъалаи таҳқиқотшаванда усулҳои зерини таҳқиқот: объекти илмӣ ва мантиқӣ, ҳисобкунии конструксионӣ-монографӣ; муқоисавӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-математикӣ, таснифи оморӣ, усули пешгирии конъюнктураи бозор истифода шудааст.

***Мақсад ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** таҳқиқи асосҳои илмии бозори гӯшт ва таҳияи пешниҳодот оид ба механизмҳои танзими давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи ҳадафи гузошташуда вазифаҳои асосии зерин муайян карда шуданд:

-ҷамъбасткунии ҷанбаҳои назариявӣ, усули барқарорсозӣ ва рушди бозори озуқаворӣ;

-омӯзиши механизмҳои танзими давлатии истеҳсоли гӯшт дар сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи консепсияи ислоҳот, инчунин дастгирии давлатии чорводории гӯштӣ;

-омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамчунин муайян кардани имкони мутобиқгардонии он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муайян намудани омилҳои монеъшавандаи рушди чорводории гӯштӣ ва муҳайё сохтани шароит барои афзун намудани истеҳсоли гӯшт;

-арзёбии иқтисодии истеҳсоли гӯшт дар шароити ташаккули иқтисоди бисёршакла;

-ошкор намудани захираҳо ва асоснок кардани роҳҳои расидан ба истеҳсолоти устувор, инчунин истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ;

-таҳияи нишондиҳанда (параметр)-ҳои ояндадори истеҳсолоти содиротию муносибгардандаи истеҳсоли гӯшт дар ҳудуди минтақаҳо.

***Объекти таҳқиқот.*** Корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шудааст.

***Предмети таҳқиқот.*** Предмети таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва баҳо додан ба вазъи бозори гӯшт ва низоми танзими давлатии он дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ иборат аст.

**Заминаи иттилоотию омории таҳқиқотро** маълумоти омории расмӣ, аз ҷумла маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи дар сомонаи ҷаҳонии Интернет ҷойгиршуда ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, дар таҳқиқот маводи муассисаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои даврӣ, соҳавӣ, ватанӣ ва хориҷӣ (байналмилалӣ) истифода шудааст. Коркарди иттилоот бо истифодаи таъмини аслӣ, стандартӣ ва барномавии натиҷаҳо, ки амалиёти ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи маълумоти коршиносӣ, муоинашавандагӣ ва таҳлили омории онҳоро таъмин менамоянд, амалӣ карда шудааст.

***Навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Навгониҳои илмии диссертатсия аз таҳияи консепсияи ташаккул ва рушди бозори ҷумҳуриявии гӯшт дар шароити гуногуни ҳудудӣ, инчунин ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини мунтазами аҳолиро бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба зимма дорад, иборат аст. Ба таркиби асосии навгониҳои илмӣ масъалаҳои зеринро метавон дохил кард:

-омӯзиш ва муайян кардани нақши танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан истеҳсоли гӯшт ва консепсияи ислоҳоти сектори аграрии иқтисодиёт;

-саҳеҳсозии методологияи арзёбии сатҳи бозор. Дар ин маврид усули пешгӯии конъюнктураи бозор пешниҳод гардид, низоми механизмҳои иқтисодии танзими бозори гӯшт, ки тавъамсозии танзими бозорӣ, давлатӣ ва дохилиистеҳсолиро дар назар дорад, асоснок карда шуд;

-омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди бозори гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ дар мамлакатҳои иқтисодашон рушдёфта, пешниҳоди намунаи ҷиҳати мувофиқи он барои бозори гӯшти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-методикаи ҳисобкунии нархҳои кафолатноки гӯшт, арзёбии рақобатпазирии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти коркардшудаи он, ҳамчунин механизмҳои танзими нарх дар бозор пешниҳод гардид;

-механизми самараноки тақсими дотатсияи истеҳсоли гӯшт дар байни молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ пешниҳод гардид, модели такмили муносибатҳои иқтисодии дохилихоҷагӣ таҳия гардида, чораҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ оид ба идораи зиддибуҳронӣ пешниҳод гардида, самтҳои дурнамои бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ асоснок карда шуданд.

***Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ***. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифа омода гардидааст, 11 расм ва 30 ҷадвал дорад.

***Дар муқаддима*** муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шудааст, дараҷаи таҳқиқи мушкилоти мавҷуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот шарҳ ёфтаанд, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии кор муайян карда, объект ва усулҳои таҳқиқ нишон дода шудаанд.

***Дар боби якум*** «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ» масъалаҳои алоқаманд бо асосҳои илмии ташаккули бозори хӯрокворӣ, макони барқарории бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, ҳамчунин, механизми танзими бозори гӯшт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар кор қайд мешавад, ки бозор тавассути механизми рақобат ба тақсими сарфакоронаи захираҳо (захираҳо барои истеҳсоли молҳои барои ҷомеа зарурӣ) мусоидат мекунад; аз ҷиҳати моддӣ ба молистеҳсолкунандагон барои таъмини талабот ва иҷрои ҳавасмандӣ тавассути талабот шароит фароҳам меорад; ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот таъсир расонда, ба расондани қарз тибқи талаботи иқтисод имконият медиҳад; бозор хусусияти онро дорад, ки иқтисодро

аз корхонаҳои зиёновар, пардохтнопазир, норасоии маҳсулот ва хизматрасониҳои истеъмолӣ озод намуда, ба солимии он мусоидат менамояд; бозор истеъмолгаронро ба истифодаи оқилонаи маҳсулот тибқи даромад ва нархҳо маҷбур месозад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки бозори маҳсулоти чорводориро ба сифати объекти хариду фурӯш ҳамчун бозори мол, вобаста ба нишонаҳои ҳудудӣ бошад, ҳамчун минтақавӣ тасниф кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки ба таснифоти бозорҳо аз рӯйи рақобати бозор назар кард.

Муаллиф дар баробари кушодани моҳияти назариявӣ-методологии рушди бозори озуқаворӣ муҳимияти муайян кардани шароитҳо ва омилҳои ба рақобатпазирии маҳсулоти чорводорӣ таъсиркунандаро асоснок кардааст. Инчунин хусусияту қонуниятҳои механизмҳои танзими давлатии бозори гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ таҳқиқ гардида, меъёрҳои арзёбии самаранокии механизми танзими ҳолати минбаъдаи бозори аграрӣ, аз ҷумла, бозори фурӯши гӯшт, ки бояд амалан мавриди истифода қарор дода шаванд, пешниҳод гардидааст.

***Дар боби дуюм*** «Динамикаи вазъи имрӯзаи бозори гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ » ба таҳлили динамикаи вазъи имрӯзаи бозори гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ, ҳолати имрӯзаи истеҳсоли гӯшт ва коркарди он, стратегия ва тамоюлҳои таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ, самаранокии иқтисодии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ бахшида шудааст.

Диссертант аз рӯи таҳлилҳои гузаронида таъкид мекунад, ки дар чунин ҳолат баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ воқеӣ буда наметавонад, ба ин нишондиҳандаҳое, ки самаранокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро инъикос мекунанд, далел шуда метавонанд. Иқтидорҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро бояд ба таври демократӣ ба роҳ монд, то ки он ба қоидаҳои иқтисоди бисёртарза мутобиқ шавад ва ҷавобгӯйи ҷанбаҳои самаранокӣ бошад. Маҳаки асосии муваффақияти ислоҳоти иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии он ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ аст.

Дар кори диссертатсионӣ ба масъалаи талабот ба гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ ва сатҳи таъминии он нисбат ба меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ мустақилияти идоракунии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ инкишоф ёфт ва он ба зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва махсусан, истеҳсоли гӯшт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ имконият фароҳам овард.

***Дар боби сеюм*** «Самтҳои асосии такмили механизми давлатии танзими бозори гӯшт» муаллиф самтҳои асосии такмили механизмҳои танзими давлатии бозори гӯшт, масъалаҳои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир – омили танзими давлатии бозор, ҷалби сармояҳои берунӣ ва дохилӣ – роҳ ба танзими давлатии бозор, дастгирии давлатии молиявӣ – асоси танзими бозор, ҷорӣ намудани низоми маркетингӣ – усули муҳимми танзими бозор, муайян ва таҳқиқ кардааст.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки барои бартараф намудани тамоюли пастшавии истеҳсоли гӯшт дар ноҳияҳои истеҳсолкунандаи гӯшт бояд чораҳои таъхирнопазир андешид. Ба мақомоти дахлдори идораи хоҷагии қишлоқ, ҳукуматҳои маҳаллӣ пешниҳод карда шавад, ки барои боздоштани тамоюли пастравӣ чораҳои зарурӣ андешанд ва бо назардошти захираҳои маҳаллӣ барномаи худтаъминкунии аҳолии ноҳияҳоро бо гӯшти истеҳсоли худӣ таҳия намоянд. Бехатарии хӯрокворӣи мамлакат, ки дар он ҷойи асосӣ ба истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ҷудо шудааст, дар навбати аввал таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худиро дар назар дорад.

Ба андешаи муаллиф, бо мақсади таъмини устувори рушди истеҳсоли гӯшт ва ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ сохторҳои дахлдори ҳукумати ҷумҳуриро лозим аст, ки қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳои иловагӣ оид ба ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ҳал ва рушди чорводории гӯштӣ дар асоси саноат ба роҳ мондани рушди соҳаи чорвои гӯштӣ ва коркарди саноатии онро дар низоми корхонаҳои хоҷагии қишлоқ таҳия ва қабул намоянд. Дар диссертатсия ба таъсири омилҳои иқтисодӣ, технологияи парвариши чорво,

тағйирёбии саршумори чорво дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, ба ҳаҷми истеҳсоли гӯшт аз рӯйи намудҳои он дар дар ҷумҳурӣ диққати зарурӣ дода шудааст.

Муаллиф пешниҳод менамоянд, ки идораҳои дахлдор и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба имкониятҳои рӯшди чорводории гӯштӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бояд чораҳои дахлдор андеҳанд. Дар натиҷа низоми хӯрокдиҳи, коэффитсиенти навънокии гӯшти фурӯш беҳтар шуда, нархи миёнаи фурӯши 1 килограмм гӯшт вобаста ба роҳҳои фурӯш тағйир дода меистад. Дар диссертатсия муаллиф самтҳои зарурии вазифаҳои давлатӣ дар соҳаи рӯшди чорводории гӯштӣ, ташаккул ва рушди бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро нишон додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида тавсия ва пешниҳодҳои асосии жорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ оварда шудаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои ба даст оварда дар кор баъзе камбудиҳо ҷой доранд.

1. Дар диссертатсияи илмӣ асарҳои олимони ватанӣ хеле кам исстифода карда шудаанд. Дар қисмати назариявӣ-методологӣ ва умуман дар кор моҳияти танзими давлатӣ бо истифодаи асарҳои олимони ватанӣ вобаста ба бозори гӯшт дар шароити Тоҷикистон нокифоя кушода шудаанд.

2. Хуб мешуд дар боби 1-ум таҷрибаи хориҷи оид ба бозори гӯшт ва механизмҳои танзими давлатии он махсус тадқиқ карда мешуд ва шарикии давлатӣ-хусусӣ нишон дода мешуд.

3. Роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ дар бозор нокифоя нишон дода шудаанд.

4. Хело хуб мешуд, ки дессертант ба масъалаи ташаккули шаклҳои кластерии рушду тараққии чорводории гӯштӣ диққати ҷиддӣ медод, зеро мавзӯи фаъолияти кластер амалӣ намудани мвсъалаҳои муштараки истеҳсолӣ

мебошад; аз ҷумла; истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сифатноки озуқаворӣ ва гӯштӣ табиӣ, истеҳсолӣ гӯштӣ баландсифат - маводи хом; афзоиши ҳаҷми истеҳсоли гӯшт аз ҳисоби зиёд шудвни саршумор ва афзоиши вазни зиндаи калони шохдор ва беҳтар кардани заминаҳои кишт ва ҳосилнокии онҳо.

5. Хело хуб мешуд ба ҷои баъзе ҷадвалҳо дар диссертатсия факту рақамҳо дар шакли диаграмма нишон дода мешуданд,ки дар шароити ҳозира талаби замон аст.

6. Маълум аст, ки сатҳи пасти маҳсулнокии чорво аз кам будани таносуби чорвои хушзот ва сермаҳсул ва инчунин заминаи хӯроки чорво ва масоҳати чарогоҳҳо вобастагии калон дорад, аз ин лиҳоз дессертант бояд бештар ба зоти чорвои гӯштӣ таъминоти хӯрока ва самаранок истифода бурдани чарогоҳҳо низ диққати ҷидди медод.

7. Дар диссертатсия баъзе аз хатогиҳои имлоӣ вомехӯранд, аммо ба сатҳи асоснокии илмии он таъсири манфӣ намерасонад.

Вале камбудиҳои нишон дода қимати илмӣ ва амалии кори татқиқотии диссертатсияи илмиро паст намекунанд.

Мавзӯи кори дисертатсионӣ пурра кушода шудааст. Автореферат ва мақолаҳои нашр карда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Кори илмӣ-тахссуси Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи: “Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хоҷагии қишлоқи Ҷуҳурии Тоҷикистон)” дар дараҷаи баланд иҷро гардидааст ва натиҷаи тадқиқоти мустақилона ба охир расонидаи муаллиф дар мавзӯи муҳим мебошад. Диссертатсия илмии иҷрошуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дисертатсияи номзадӣ ва пункти 37 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 24 октябр соли 2016 дар бораи додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифаш

сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо: комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ, доктори**
**илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Садриддинов Н. Т.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айни 67,**
**Тел.: 8322224753, www.ktsu.tj**

**Имзои Садриддинов Н.Т-ро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав:** **Шукурзода Ҷ. А.**